# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №1

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26-уми апрели соли 2023, №1

барои сазовор донистани Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2023, таҳти №60) рӯзи 13-уми феврали соли 2023, суратҷаласаи №3 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович 17-уми марти соли 1983 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2006 Донишгоҳи давалатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси забонҳои хориҷӣ бо касби муаллими забонҳои фаронсавӣ ва англисӣ хатм кардааст. Солҳои 2015-2023 унвонҷӯйи кафедраи забони фаронсавии Донишгоҳи давалатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Фаъолияти кориашро соли 2006 аз ДДОТ ба номи С.Айнӣ оғоз кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2006 то соли 2015 дар вазифаи ассистенти кафедраи забони фаронсавӣ ва методикаи таълими он, аз соли 2015 то соли 2018 дар

вазифаи муовини декан оид ба таълими факултети забонҳои романӣ-германӣ, аз сентябри соли 2018 то августи соли 2019 ба ҳайси эдвайзер (мушовири академӣ)-и факултети забонҳои романӣ-германӣ дар шуъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ, аз августи соли 2019 то августи соли 2022 ба ҳайси мудири кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷумаи забонҳои хориҷӣ (фаронсави ва олмонӣ) ва аз моҳи августи соли 2022 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи забони фаронсавӣ кору фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи забони фаронсавии ДДОТ ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** - доктори илмҳои филология, профессори кафедраи филологияи руси Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Салимов Рустам Давлатович мебошад.

**Муқарризони расмӣ: Тағоева Табассум Музафаровна** - доктори илмҳои филология, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва **Ҷумаев Туйчибой Боқиевич**– номзади илмҳои филология, и.в.дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети забонҳои романӣ-германии ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Ҳалимова М.С., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои романӣ-германии факултети забонҳои Аврупо Назирқулов Т. А., номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои романӣ-германӣ Абдуласанова З. Ш., номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ, котиби илмии ҷаласа Давлатов М.С. ва имзову муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филология, профессор Гулназарзода Ж.Б. пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи

номзадии Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бар он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 21 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1].** Маликов А.Р. Сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ /А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе – 2013. – №2 (51). – С. 196-200.

**[2].** Маликов А.Р. Дарачаи олии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ. / А.Р. Маликов // Ахбори академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе – 2013. – №6. – С. 104-107.

**[3].** Маликов А.Р. Мутобиқати сифатҳо ва ҷои онҳо дар ҷумла (дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ)./ А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе – 2014. – №3 (58). – С. 350-355.

**[4].** Маликов А.Р. Хусусиятҳои умумӣ ва фарқияти сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе – 2015. – №4 (65). – С. 99-102.

**[5].** Маликов А.Р. Ба воситаи сифатҳои аслӣ ифода гардидани хабар дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе – 2017. – №1–2 (68–69). – С. 87-90.

**[6].** Маликов А.Р. Сифат ҳамчун ҳоли тарзи амал дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе – 2020. – №2 (85). – С. 59-61.

**[7].** Маликов А.Р. Прилагательное в функции сказуемого в таджикском и французском языках / А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи миллӣ. Серияи «Филология». – Душанбе – 2022. – №5. – С. 167-172.

**[8].** Маликов А.Р. Структура прилагательных женского рода во французском языке / А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе – 2022. – №4 (99). – С. 120-123.

**[9].** Салимов Р.Д., Маликов А.Р. Сходство, различие и место прилагательных в таджикском и французском языках / Р.Д.Салимов, А.Р. Маликов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе – 2022. – №6-1 (101 – С. 19-24.

**б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

**[10].** Маликов А.Р. Ба воситаи таркибҳо ифода ёфтани дарачаи муқоисавии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 600 солагии бузургдошти А. Ҷомӣ кафедраи забонҳои авру-осиёи Д.М.Т., 2015. – С. 37-41.

**[11].** Маликов А.Р. Иборахои сифатӣ бо пешояндҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ «Масъалаҳои муҳими забоншиносӣ ва тадриси забонҳои хориҷӣ: таҷриба, рушд ва дурнамо» -Душанбе, 25-26 ноябри соли 2015. – С. 304-310.

**[12].** Маликов А.Р. Суффикси сифатсози **«-ӣ»** дар забони тоҷикӣ ва муродифоти он дар забони фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Проблемаҳои филологияи муосир ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактаби олӣ», ҷилди 1. - Душанбе, 22.12.2015. – С. 98-101.

**[13].** Маликов А.Р. Analyse contrastive entre l'adjectif français et tajik / А.Р. Маликов // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Проблемаҳои филологияи муосир ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактаби олӣ». ҷилди 1. -Душанбе, 22.12.2015. – С. 91-97.

**[14].** Маликов А.Р. Мутобиқати сифатҳои аслии забони фаронсавӣ дар ҷинси занона / А.Р. Маликов // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, бахшида ба 75-умин солгарди таъсисёбии факултети забонҳои романӣ-германӣ «Проблемаҳои филологияи муосир ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактаби олӣ». ҷилди 2. – Душанбе – 2016. – С. 72-77.

**[15].** Маликов А.Р. Фарқияти сифатҳои ҷинси мардона аз занона дар забони фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ, бахшида ба соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ «Забон-пайвандгари тамаддунҳо». – Душанбе – 2018. – С. 350-353.

**[16].** Маликов А.Р. Масъалаи омӯзиши ҷойи сифат дар ҷумлаҳои забони фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ (маҷмуаи мақолаҳо) дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ. – Душанбе – 2018. – С. 182-185.

**[17].** Маликов А.Р. Хусусияти тарҷумаи сифати **«beau-зебо»**-и забони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ / А.Р. Маликов // Конференсияи илмӣ-

амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ». – Душанбе – 2020. – С. 175-177.

**[18].** Маликов А.Р. Ифода гардидани дараҷаи муқоисавии сифат бо роҳи синтетикӣ дар забони тоҷикӣ ва муродифи он дар забони фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ, бахшида ба 90-ум солгарди таъсисёбии ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва 80-умин солгарди таъсисёбии факултети забонҳои романию германӣ 16-17 ноябри соли 2020. – С. 80-83.

**[19].** Маликов А.Р. Роҳҳои морфологии калимасозӣ дар забони фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 90 -солагии таъсисёбии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва 50 - солагии таъсисёбии кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ. – Душанбе – 2021. – С. 329-332.

**[20].** Маликов А.Р. Семантико-морфологическая структура качественных прилага - тельных в таджикском и французском языках / А.Р. Маликов // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ» ба ифтихори 90 - солагии ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва 25 солагии таъсисёбии кафедраи «Назарияи тарҷума ва услубшиносӣ» (10-11 декабри соли 2021) . – С. 73-75.

**[21].** Маликов А.Р. Бо роҳи синтетикӣ ифода гардидани дараҷаи олии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ / А.Р. Маликов // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, бахшида ба 30 - солагии баркарор шудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса дар мавзуи «Рушди забони миллӣ дар партави бархурди тамаддунҳо» 16-17.12.2022. – С. 58-60.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Муҳаммадиева З.А. роҷеъ ба актуалӣ будани мавзуъ, навгонӣ дар таҳқиқи илмии диссертант зикр гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобатӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳ гаштани онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд;

- на ҳамаи мисолҳои овардашуда таҳлил карда шудаанд. Агар онҳо таҳлил мегардиданд ва тафовуту монандии онҳо дарҷ мегардид, беҳтар мешуд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳусейнова Г. А. дар маҷмуъ мусбат буда, чунин эродҳо манзур гардиданд:

- дар доираи сифатҳои таъкидии забони тоҷикӣ муродифоти онҳо дар қисмати забони фаронсавӣ матраҳ нагардидаанд;

- дар баъзе саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Турсунова Ф.Р. низ мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ дида мешавад;

- хулосаи баъзе бобҳо ҳануз ҳам мукаммал нестанд, агар онҳо мукаммалтар гарданд, ба фоидаи кор хоҳад буд.

**4. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ Бобоева Мадина Маруфовна мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- ҳангоми овардани мисолҳо аз адабиёти бадеӣ на ҳамаи мисолҳои овардашуда таҳлилу баррасӣ шудаанд;

- дар шароити кунунӣ инъикоси маводи мавриди таҳлил дар шакли диаграмма, таблитса ва ҷадвалҳо яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ мегарданд. Агар ин масъала дар оянда ба инобат гирифта шавад, аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:

- муайян намудани ҳолати дараҷаи таҳқиқи сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ;

- омӯзиш ва муқоисаи сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ;

- муайян намудани ҷанбаҳои сохторӣ, грамматикӣ ва луғавию семантикии сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ;

- таҳлилу таҳқиқи муфассали сифат ва дараҷаҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ бо овардани мисолҳои мушаххас;

- муайян ва мушаххас намудани ҷинсияти сифатҳо ва мутобиқати онҳо аз рӯйи шахсу шумора дар забони фаронсавӣ;

- муайян ва мушаххас намудани умумият, шабоҳат ва тафовути сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқро** корҳои илмӣ-таҳқиқотии забоншиносони ватаниву хориҷӣ, аз қабили В. В. Виноградов, Ю. А. Рубинчик, И.Н.Берёзин, В. Г. Гак, В. С. Расторгуева, И. Королева, Ш. Рустамов, Н. Маъсумӣ, Ш. Ниёзӣ, С. Ализода, Д.Т. Тоҷиев, С. Ҳалимов, С. Матробов, С.Арзуманов, О.Ҷалолов, Шарл Балли, Морис Гревис, Жак Дамурет, Эдуард Пишон, Жан Клод-Шувалие, Мартин Риегел, Жан Кристоф Пела, Рене Риул ва дигарон ташкил намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқро** дар таълифоти диссертатсияи мазкур зимни омӯзиши васеи сифатҳои аслӣ, асосан аз усулҳои таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва муқоисавӣ истифода намудааст. Ба воситаи усули таҳлили луғавӣ-семантикӣ тобиши маъноии сифатҳо муайян карда шуда, тавассути методи таҳлили муқоисавӣ мувофиқат ва тафовути сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ муқаррар карда шудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи** довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки таҳқиқи анҷомёфта имкон фароҳам меорад, ки маълумотҳои зиёде оид ба омӯзиши сифатҳои аслӣ ва муқоисаи он байни забонҳои ба ҳам хеш ва ё бегона пайдо карда шавад, ҳамчунин амалкарду рушди забонҳои тоҷикию фаронсавӣ дар заминаи муқоиса равшантар гарданд. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешбурд ва идома додани омӯзиши ҳамаҷониба, бонизом ва амиқтари сифатҳои аслӣ мусоидат кунад. Маълумотҳои дастрасшуда дар асоси таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ арзишманд мебошанд.

Сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, дорои хусусиятҳои семантикӣ-маъноӣ, сарфӣ ва наҳвӣ мебошад. Сифат бо исм алоқаи зич дошта, исм агар предмет, ашё ва ё шахсро ифода кунад, сифат ифодакунандаи чигунагии онҳо ба шумор меравад. Ба андешаи диссертант сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ дар

забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ тарзу воситаҳои гуногуни калимасозӣ, шаклсозӣ (хурдию навозиш)-и хоси худро дорад, ки ба воситаи онҳо калимаҳои нав, шаклҳои гуногун сохта мешаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ:** нуктаҳои алоҳида ва натиҷаҳои таҳқиқ, ки дар шакли маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ муҳокима гаштаанд, ҳамчунин 21 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар заминаи таҳлилу таҳқиқи асари илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи зиёдеро оид ба сифатҳои аслӣ дар доираи забонҳои тоҷикию фаронсавӣ ҷамъоварӣ ва мавриди баррасию арзёбии ҳаматарафа қарор додааст.

Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ) бори нахуст дар шакли диссертатсия ба таври системанок анҷом дода шуд. Дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқ – аз ҷамъоварии маводи амалӣ ва омӯзиши адабиёти назарӣ то таҳлилу баррасии онҳо унвонҷӯ мустақилона иштирок намуда, хусусиятҳои умумӣ ва мутафовити сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавиро ошкор намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА - 068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 26 уми апрели соли 2023 дар бораи сазовор донистани Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 15 нафар иштирок намуданд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор — Ҷаматов С. С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмӣ филология, дотсент — Каримова Д. Н.

26-уми апрели соли 2023